# «ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2017 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ СОЛИ 2018»

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор ва барномаю нақшаҳои иқтисодию иҷтимоиро сармашқи кори худ қарор дода, Барномаи тасдиққардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи корҳои оморӣ барои соли 2017” ва вазифаҳои дар назди мақомот дар соли 2017 гузошташударо дар муҳлатҳои пешбинигардида пурра иҷро намуд.

Лозим ба қайд аст, ки дар Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 22 декабри соли 2017 ироа гардид, вазъи тамоми самтҳои хоҷагии халқи мамлакат, ба таври муфассал аз ҷониби Сарвари давлат таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Инчунин аз ҷониби Сарвари давлат ба тамоми вазорату идораҳо доир ба беҳтар намудани сатҳу сифати кор дастурҳои мушаххас дода шуд, ки ба мақомоти омор низ алоқаманди дорад.

Махсусан мақомоти оморро вазифадор намуданд, ки шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумоти омориро мукаммал гардонад.

Ҳамчунин, доир ба пешравӣ ва нуқсонҳои тамоми соҳаҳо далелҳои аниқ оварда шуд, ки дар ҷамъоварии ин факту рақамҳо бевосита мақомоти омор муазаф мебошад.

Масъалаи муҳими дигар он буд, ки бо дарназардошти рушд додани соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ соли 2018-ум соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ эълон гардид, ки вобаста ба ин мо ҳам бояд нақшаҳои корӣ ва чорабиниҳои заруриро ба роҳ монем.

Дар маҷмӯъ дар асоси Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳар як сохтори давлатӣ нақшаи чорабиниҳои татбиқи чорабиниҳо таҳия мегардад, ки дар ин раванд мақомоти омор низ бахри дар амал татбиқ намудани вазифаҳои дар Паёми имсола ироа гардида ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ менамояд.

Вобаста ба иҷрои вазифаҳои бандҳои дахлдори нақшаи чорабиниҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Агентии омор машварат гузарониа шуда, омӯзишӣ он ташкил карда шуд ва нақша чорабиниҳои дахлдор таҳия ва тасдиқ карда шуданд.

Дар соли 2017 аз ҷониби мақомоти омор иҷрои маҷмӯи вазифаҳое амалӣ гардиданд, ки ҷараёни ҷамъоварӣ, коркарди иттилооти оморӣ, фаро гирифтани мушоҳидаҳои омории субъектҳои хоҷагидор дар асоси истифодаи усулҳои пешқадами интихобии мушоҳидаҳои оморӣ, таҳқиқотҳои интихобӣ ва дар амалия ба таври васеъ истифода намудани методологияи аз ҷиҳати илмӣ асоснок оид ба ҷамъоварии нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҳисобу китоби он, инчунин ба амал баровардани назорат нисбат ба шаффофияти нишондиҳандаҳои оморӣ бо истифодаи технологияи муосири иттилоотиро дар бар мегирад.

Дар соли 2017 дар маҷмуъ 9,8 ҳазор корҳои оморӣ иҷро карда шуданд, ки таъмини иҷрои корҳои дар ин давра банақшагирифташударо ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ тибқи Барномаи корҳои оморӣ 13 таҳқиқотҳои интихобии оморӣ гузаронида шуд.

Илова ба ин корҳои саҳроии таҳқиқотҳои интихобии якдафъаинаи "Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон", "Тарози сӯзишворию энергетикии (ТЭБ)" ва "Ҳуқуқ ва имконияти занон дар соҳаи кишоварзӣ" ба анҷом расонида шуд.

Бояд қайд намуд, ки корҳои тартиб додани руйхат ва корҳои саҳроии таҳқиқоти Тиббӣ-Демографии Тоҷикистон пурра ба таври электронӣ ба роҳ монда шуда, ҷамъоварии маълумотҳо то фиристонидани маълумот ба дастгоҳи марказӣ ба таври электронӣ амалӣ гардиданд, ки ин як дастоварди нави мақомоти омор дар самти модернизатсиякунонии низоми омори миллӣ ба шумор меравад.

Дар асоси натиҷаҳои ду таҳқиқотҳои дар доираи Лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор гузаронидашуда аз ҷумла таҳқиқоти истифодабарандагони об ва таҳқиқоти қувваи корӣ ҳисоботи таҳлилӣ омода карда шуд. Бояд қайд кард, ки фарқияти асосии таҳқиқоти қувваи корӣ аз таҳқиқоти дар солҳои қабли гузаронидашуда аз он иборат аст, ки он бо дарназардошти меъёрҳои нави арзёбии фаъолияти меҳнатӣ, шуғл ва истифодаи нопурраи қувваи корӣ, ки дар Конфронси байналмилалии 19-уми омори меҳнат, ки моҳи октябри соли 2013 қабул шудаанд, гузаронида шуд. Илова ба ин, бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон

нахустин кишвар дар қаламрави давлатҳо аъзоёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки аз рӯи тавсияҳои байналмилалии Ташкилоти умумиҷаҳонии меҳнат оид ба шуғл таҳқиқоти калонҷанбаро гузаронид.

Таҳқиқоти “Тарози сӯзишворию энергетикӣ ТЭБ”, ки соли ҷорӣ дар доираи Лоиҳаи “Стратегияи миллии рушди омор” гузаронида шуд, мақсади асоси аз муайян кардани вазъи иқтисодиёти энергетикӣ ва самаранокии истифодаи он дар сатҳи хонаводаҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ иборат буда, ки дар таҳқиқоти мазкур тибқи рӯйхат аз ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ интихобан 3000 хонавода 7669 соҳибкорони инфиродӣ ва ҳамаи шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташуда фаро гирифта шуданд.

Дар соли 2017 ба Агентии омор 103 қонуну - қарорҳо, 575 супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1528 мактубҳои вазорату идораҳо, 516 - мактубҳо аз мақомоти маҳаллии омор, 248 мактубҳо ба воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ ва 20- муроҷиати шаҳрвандон бо таври хаттӣ ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, сари вақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд.

Бояд қайд намуд, ки мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пайгирии равандҳои тағирёбандаи рушди иқтисодиёт дар бахшҳои мухталифи ҷомеа пешниҳод намудани иттилооти бовариноку эътимоднокро саривақтӣ ва зарур мешуморад.

Дар стратегияи дарозмуҳлати мақомоти омор махсусан масоили азнавкунонии методологияи оморӣ мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани механизми автоматикунонии иҷрои корҳо, гузаронидани мониторинги вазъи воқеии макроиқтисодӣ, ҷорӣ намудани таснифотҳои омори байналмилалӣ ҳангоми муайян намудани нишондиҳандаҳои системаи омори миллӣ ва усулҳои ташаккули онҳо ва дигар мақсадҳои системаи умумии паҳн намудани маълумоти оморӣ пешбинӣ гардидаанд.

Ҷиҳати иҷрои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Барнома ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” ба тасвиб расидааст, ки Агентии омор вобаста ба иҷрои бандҳои Нақша - чорабинии татбиқи Стратегияи мазкур барои солҳои 2015 - 2016 ҳисоботи ҷамъбастии соҳавиро саривақт омода намуда, ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати

молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Вобаста ба иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021 иҷрои як қатор корҳо таъмин гардиданд.

Дар ин давра ҷаласаҳои гурӯҳи корӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ баргузор гардида масъалаҳои вобаста ба рафти иҷрои нақша - чорабиниҳо, гузариш ба таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ (тафсири 2), гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ, баррасии натиҷаҳои таҳқиқотҳои интихобии якдафъаина, баррасии методологияи баҳисобгирии оморӣ оид ба таҳсили калонсолон, ҷойҳои кории навтаъсис, духти либоси мактабӣ, гармхонаҳо, баҳисобгирии захираи пахта, баҳисобгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ба собиқадорони ҷангу меҳнат, пиронсолон ва маъюбон, захираи маҳсулоти кишоварзӣ ва маводи тайёри озуқа ва дигар масъалаҳо мавриди муҳокима қарор дода шуда дар амал татбиқ гардонида шуд.

Бо мақсади беҳтар намудани сифати маълумоти оморӣ ва ҳамзамон ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани маълумоти оморӣ дар соли 2017 мониторинги шаклҳои ҳисоботи оморӣ гузаронида шуд ва дар ҳамоҳангии устувори вазорату идораҳои давлатӣ, ки бо супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ ва зергурруҳҳои корӣ таъсис дода шудааст, вобаста ба талаботҳои ҳисоботсупорандагон ва истифодабарандани маълумотҳои оморӣ ҳамзамон бо мақсади мутобиқгардонии шаклҳои ҳисоботи оморӣ вобаста ба талаботҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор ҳисоботҳои омории соҳаҳо марҳила ба марҳила мутобиқ карда шуда истодааст.

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати иҷрои супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таҳсили калонсолон ва баҳисобгирии ҷойҳои кории навтаъсис якҷоя бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли нави ҳисоботи оморӣ таҳия шуда, аз ҳисоботи семоҳаи якуми соли 2017 тавассути мақомоти зертобеи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ҷамъоварӣ ва ба мақомоти омори давлатӣ пешниҳод гардида истодааст.

Ҳамзамон тибқи дархости мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дар асоси супориши муовини

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмили «Тартиби ташкили қабул, захира ва баҳисобгирии омории пахта дар субектҳои хоҷагидоре, ки захираи пахтаро дар хоҷагиҳои худ мегузаронанд» ҷаласаи зергурӯҳи корӣ оид ба омори кишоварзӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон доир гардида, вобаста ба масъалаи мазкур қарори дахлдор қабул карда шуд ва иҷроиши қарори мазкур марҳила ба марҳила таъмин гардида истодааст.

Илова ба ин, дар соли 2017 бо мақсади тақвияти ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар самти баҳисобгирии оморӣ ҷаласаи якҷоя дар сатҳи муовинон ва сардорони раёсатҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии омор баргузор гардида масъалаи баҳисобгирии оморӣ аз руи шакли 1-молия «Ҳисобот дар бораи нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии корхона (ташкилот) ва ҳисоботи дохилиидоравии 1-Амалиётҳои молиявӣ «Ҳисобот дар бораи амалиётҳои молиявӣ» баррасӣ гардида, бо мақсади такрор нашудани фаъолият дар самти баҳисобгирии нишондодҳои шакли 1-молия аз руи ҳисоботи 1-Амалиётҳои молиявӣ таҳия карда шуд.

Гузариш ба системаи ҳисобҳои миллии соли 2008 низ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти гурӯҳи кории байниидоравӣ махсуб ёфта, дар нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ қайд шудааст. Бо мақсади баррасии масъалаи мазкур ва рафти иҷрои корҳо дар ин самт дар Агентӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ҷаласаи зергурӯҳи корӣ оид ба системаи ҳисобҳои миллии соли 2008 доир гардида, мушкилоту норасоиҳо барои пешниҳоди маълумотҳои маъмурии вазорату идораҳо барраси гардиданд. Яке аз масъалаҳои мубраме, ки имрӯз ҳалли сарвақтиро тақозо менамояд, ин дар алоҳидагӣ ба ҳисоб гирифтани андозҳои шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравад. Лозим ба қайд аст, ки андоз аз шахсони воқеӣ қисмати даромад ва хароҷоти пулии аҳолӣ мебошад, аз ин ру, нишондодҳои воқеӣ бояд ба даст оварда шаванд. Пешниҳод карда шуд, ки Вазорати молия ва Кумитаи андоз пешбурди баҳисобгирии андоз аз шахсони воқеиро ҳар моҳ ба роҳ монанд.

Инчунин дар ин давра ҷаласаи зергурӯҳи кории байниидоравӣ дар ҳайати намояндагони вазоратҳои молия, нақлиёт, корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо ва Бонки миллӣ гузаронида шуд, ки ҳадафи асосии ҷаласаи мазкур баррасии мукаммалии ҳисоботи 8- АИХ хизматрасонии байналмилалӣ ва ҳисоботҳои сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, илова ба ин, бо масъулини Вазорати нақлиёт ва

корхонаҳои нақлиётии байналмилалӣ, ки ба хизматрасонии байналмилалӣ машғуланд, семинар машварат гузаронида шуд.

Илова ба ин дар Шӯрои камбизоатии назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки коршиносони байналмилалӣ, намояндагони вазорату идораҳо натиҷаҳои таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо оид ба вазъи камбизоатӣ дар соли 2016 муаррифӣ гардид.

Инчунин дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ дар доираи лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ барои кормандони таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо оид ба такмили саволномаҳои Таҳқиқоти буҷети хонавода ва усули ҷамъоварии электронии маълумотҳои таҳқиқоти мазкур 3 семинари омузишӣ гузаронида шуд.

Бо ҳамин мақсад дар Сарраёсати вилояти Суғд - 21 нафар, дар вилояти Хатлон - 22 нафар, дар НТҶ - 10 нафар, шаҳри Душанбе - 6 нафар ва ВМКБ - 5 нафар омӯзонида шуданд. Дар маҷмӯъ 64 нафар кормандони таҳқиқоти буҷети хонавода омӯзонида шуданд. Ҳамчунин дар доираи лоиҳаи мазкур кормандони буҷети хонавода дар маҳалҳо бо планшетҳо таъмин карда шуданд ва дар соли 2017-ум 500 хонавода тариқи интихобӣ пурсида шуданд.

Оид ба такмил ва азнавкунии таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо дар 750 хонаводаҳои интихобгардида пурсиши аҳолӣ аз рӯи саволномаҳои нав анҷом дода шуд. Айни замон махзани маълумотҳо омода карда шуда барои таҳлил ба коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ пешниҳод карда шуд. Дар ин замина бо пешниҳоди Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ ба таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо ду модули иловагӣ оид ба хароҷотҳои тандурустӣ ва маъюбӣ илова карда шуданд.

Илова ба ин аз ҷониби Агентии омор дар доираи созишномаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии озуқа ва кишоварзии СММ таҳқиқоти гуногунии минималии хӯроки занон бо пурсиши 2000 занҳои синни 15-49 сола гузаронида шуд, ки хазинаи маълумотҳо омода карда шуда ба шуъбаи ғизои Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ (ФАО) фиристонида шуд. Тибқи нақша соли 2017 дар Агентӣ бо иштироки коршиносони байналмилалӣ семинари омузишӣ оид ба тартиби таҳлили натиҷаҳои Таҳқиқоти гуногунии минималии хӯроки занон гузаронида шуд. Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон аввалин кишвари таҷрибавӣ дар минтақаи кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил мебошад, ки таҳқиқоти гуногунии минималии хӯроки занонро мегузаронад.

Бояд қайд намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти яқвақтаинаи интихобии «Маржаи савдо» дар шакли ҳисоботи таҳлилӣ таҳия

шуда, барои баррасӣ ба Комисияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мамлакатҳои Осиё ва Укёнуси Ором (ЭСКАТО) пешниҳод гардид. Айни замон, маълумот оид ба маржаи савдо тибқи талаботи системаи ҳисобҳои миллӣ барои ҳисоби ҷадвалҳои захира ва хароҷот дар ҷадвали муқарраршуда аз рӯи номгӯи молҳо мавриди истифода қарор дорад.

Ҷиҳати иҷрои бандҳои 27 ва 36-и Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2017 №АП-820, банди 8-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016 №531 "Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 ва вазифаҳо барои соли 2017" ва банди 26-и Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2016, №14, шакли ҳисоботи омории байниидоравии №1-касбомузӣ ва шакли №1-касбомузӣ (ҷамъбастӣ) "Ҳисобот дар бораи касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" шакли № 1 – касбомӯзӣ семоҳа – солона бо Фармоиши Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2017, №10 тасдиқ гардида аз семоҳаи аввали соли 2017 ҷорӣ карда шуд.

Инчунин аз ҷониби Агентии омор дар соли 2017 -ум оиди ҷараёни иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016 - 2021 аз 29 октябри соли 2015, № 614, оид ба иҷрои бандҳои 1 ва 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2017, №177 «Дар бораи саривақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2017 - 2018», оид ба иҷрои банди 26-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2016, №316, оид ба ҷараёни иҷрои сархати сеюми банди 1-уми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №531 ва оид ба ҷараёни иҷрои бандҳои дахлдори нусха аз Протоколҳои маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақт ҷавобҳои муфассал пешниҳод карда шудааст.

Илова ба ин дар ҷаласаи гуруҳи кории байниидоравӣ, ки моҳи сентябри соли 2017 баргузор гардид, дар мувофиқа бо аъзоёни гуруҳи кории байниидоравӣ ҷиҳати мукаммал намудани мазмуни таҳлилии ҷадвали нишондиҳандаҳои пешакии иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва нишондиҳандаҳои асосии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, тибқи талабот ба ҷадвалҳои мазкур як қатор

нишондиҳандаҳои иловагӣ ворид карда шуд, ки нишондиҳандаҳои мазкур барои мавриди таҳлили васеъ қарор додани нишондиҳандаҳои оморӣ имконияти мусоидро фароҳам меоварад.

Бояд қайд намуд, ки ҷамъбасти маълумотҳои оморӣ шуруъ аз нӯҳмоҳаи соли 2017 дар асоси ҷадвалҳои мазкур таҳия гардида истодааст.

Ба таври мунтазам таҳия намудани маълумоти фаврӣ дар бораи нархҳои маҳсулотҳои асосии истеъмолӣ дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (аз 21 шаҳру ноҳияҳо дар як ҳафта ду маротиба рӯзҳои душанбе ва ҷумъа нархҳо бақайд гирифта шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба воситаи сомонаи расмии Агентӣ барои ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод гардида истодааст.

Ба ҳолати 1 январи соли 2018 шумораи субъектҳои бақайд гирифташуда 532,2 ҳазор ададро ташкил намуд, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 525,3 ҳазор ададро ташкил кард, ки аз онҳо 485,1 ҳазор адад ҳамчун соҳибкори инфиродӣ бақайд гирифта шудаанд. Дар ҳамин давра 224,0 ҳазор субъекти хоҷагидор барҳам дода шуд, ки аз онҳо 215,0 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд. Айни замон 306,5 ҳазор субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда бақайд гирифта шудааст, аз он ҷумла дар «Равзанаи ягона» 301,3 ҳазор адад ба қайд гирифта шудааст. Аз шумораи умумии фаъолияткунандагон 30,8 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ, 363 филиал – намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва 270,1 ҳазор адад соҳибкорони инфиродӣ мебошанд.

Дар соли 2017 тибқи Барномаи корҳои оморӣ 32 маҷмӯаи оморӣ, 253 бюлетени оморӣ, 128 маълумот, 110 иттилооти таъҷилӣ ва 73 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр карда шуданд.

Гузариш ба ҳисоботи электронии оморӣ тақозои замон буда, дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», айни замон ҳисоботҳои омории моҳонаи соҳавӣ аз ҷумла ҳисоботҳо оид ба меҳнат ва ҳаракати қувваи корӣ, ҳисоботи соҳаҳои саноат, савдо ва хизматрасонӣ бо усули электронӣ ба роҳ монда шуд ва аз руи нақшаи дар соли 2017 ҳисоботҳои омории соҳаҳои сохтмон ва нақлиёт ва актуаликунонии варақаи регистри оморӣ низ мавриди озмоиш қарор дода шуд, ки дар соли 2018 усули мазкур бо пуррагӣ ба таври электронӣ ба роҳ монда мешаванд.

Дар ин самт дар сомонаи Агентӣ барномаи "Ҳуҷраи шахсии ҳисоботсупоранда" кушода шуда, дар сервери марказии Агентии омор насб карда шуд. Инчунин барои гирифтани маълумоти ҷамъбасти ҷадвалҳои баромад тайёр карда шуданд. Вобаста ба

гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ семинарҳои омӯзишии минтақавӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қурғонтеппа ва Кӯлоб гузаронида шуданд.

Қадами минбаъда дар ин ҷода роҳандозии дафтари электронии хоҷагии хонавода дар мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот мебошад. Бояд зикр намуд, ки мақомоти омор барои амалӣ намудани ин чорабинӣ шаҳри Нораки вилояти Хатлон ва ноҳияи Зафарободи вилояти Суғдро ҳамчун минтақаи таҷрибавӣ интихоб намуда, барномаи махсусро барои дохил намудани маълумоти дафтари хоҷагӣ таҳия намуд. Бо мақсади ҷорӣ намудани дафтари электронии хоҷагии хонавода дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд бо иштироки котибон ва шахсони масъули мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳоти ноҳия семинари омӯзишӣ доир гардид.

Илова ба ин дар доираи лоиҳаи мазкур харидории ноутбукҳо, дастгоҳои танзими ҷараён, барномаи зиддивирусӣ, кондитсионер барои ҳуҷраи серверҳо, проектор, факс, дастгоҳи суратгирӣ ва дигар дастгоҳу таҷҳизоти ҳамроҳикунанда харидорӣ гардиданд.

Дар Агентии омор моҳи октябри соли 2017 дар доираи Барномаи СММ оид ба иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ бори нахуст ҷаласаи 12-уми Гурӯҳи корӣ оид ба омор баргузор гардид, ки ҷаласаи мазкур аз ҷониби Комиссияи иқтисодии Аврупои Созмони Милали Муттаҳид ва Ассотсиатсияи Савдои Озоди Аврупоӣ (EFTA) ташкил карда шуд.

Дар ҷаласа намояндагони Комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид, Комиссияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ оид ба Осиё ва Уқёнуси Ором, Ассотсиатсияи Савдои Озоди Аврупоӣ, Бюрои омори Норвегия, инчунин Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Озарбойҷон, Дафтари омори марказии Ҷумҳурии Афғонистон, Кумитаи омори Вазорати иқтисоди миллии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Кумитаи омори Ҷумҳурии Қирғизистон иштирок намуданд.

Дар ҷаласаи мазкур давоми се рӯз масъалаҳои вобаста ба “Пешрафт дар самти таҳияи нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор” ва “Маълумоти маъмурӣ барои ҳадафҳои оморӣ ва афзалиятҳо барои корҳои оянда” мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Вобаста ба масъалаҳои матраҳгардида аз ҷониби кишварҳои иштирокдошта оид ба омодагӣ барои пайгирии мониторинги нишондиҳандаҳои ҲРУ мубодилаи таҷриба сурат гирифт, зеро

дастрасии бисёри аз нишондиҳандаҳои ҲРУ аз манбаъҳои гуногун иборат мебошанд.

Дар ҷамъбасти ҷаласаи мазкур аз ҷониби иштирокдорон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дар сатҳи зарурӣ ташкил ва гузаронидани ҷаласаи мазкур изҳори миннатдорӣ баён карда шуд.

Инчунин Агентии омор дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ бо шарикони рушд - донорҳо се мулоқоти корӣ баргузор намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар мулоқотҳои баргузоргардида, масъалаҳои вобаста ба тақвият бахшидани низоми омори миллӣ, ҷори намудани усулҳои нави ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ, зарурияти гузаронидани таҳқиқотҳои интихобӣ, беҳтар намудани технологияи таҳияи ҷадвали «Захираҳо - Истифодабарӣ», ташаккули методологияи омори савдои хориҷии молу маҳсулот дар самти омӯзиши метологияи баҳисобгирии савдои фаромарзи ва наздисарҳади, ки аз ҷониби шахсони воқеи анҷом дода мешаванд ва пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор ва дигар масъалаҳои зарури мавриди баррасӣ ва муҳокимарониҳо қарор дода шуданд.

Илова ба ин моҳи сентябри соли 2017 дар доираи Лоиҳаи «Мониторинги татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор» мутахассисони Бахши омори Созмони Милали Муттаҳид бо мақсади баҳодиҳии имкониятҳои омории Тоҷикистон дар робитаи ба татбиқи нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор ба Агентии омор ташриф оварда, ҳолати кунуниро мавриди натиҷагири қарор доданд.

Дар ин раванд баргузории як қатор вохуриҳо бо Роҳбарияти Агентии омор ва сардорони Раёсату шуъбаҳои соҳавии дастгоҳи марказии Агентӣ ва гурӯҳи кории дар Агентии омор вобаста ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор фаъолияткунанда баргузор гардид.

Ҳамзамон вохурии коршиносон бо мутахассисони як қатор вазорату идораҳо аз ҷумла: Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати тандурустӣ, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ низ баргузор гардид.

Мавриди қайд аст, ки Агентии омор вобаста ба корҳои омодагии раунди навбатии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар соли 2017 як қатор корҳои муайянеро иҷро намуд.

Соли 2017 аз ҷониби Агентии омор лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Комиссияи давлатии мусоидат

ва қоидаҳои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2018” ба тасвиб расонида шуда, бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд.

Илова ба ин дар соли 2017 аз ҷониби мутахасисони раёсати барӯйхатгирии аҳолӣ ба мақомотҳои омори маҳаллии вилояти МКБ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон сафарҳои хизматии анҷом дода шуд, ки дар ин раванд корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 мавриди натиҷагирӣ қарор гирифта, барои бартарафсозии камбудиву норасоиҳо дастуру тавсияҳо манзур гардид. Ҳамзамон бо дастгирии молиявии Хазинаи Нуфуси Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Норак ва минтақаҳои Кӯлоб ва Қурғонтеппаи вилояти Хатлон, шаҳри Хоруғи ВМКБ, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳри Душанбе ва минтақаҳои Ҳисор ва Рашти ноҳияҳои тобеи марказ корҳои дастурдиҳии омӯзишӣ «Дар бораи рафти корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020» гузаронида шуд.

Илова ба ин вобаста ба рафти корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил аз ҷониби мутахассисон ба бахши омори шаҳри Норак ёрии амалӣ расонида шуд.

Дар соли 2017 тибқи нақшаи кории тасдиқ кардашудаи Агентӣ барои санҷиш, расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор ва иштирок дар семинар – машваратҳо, омӯхтани таҷрибаи корӣ ба хориҷи дуру наздик дар маҷмуъ 821 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 110 нафар ва дохилӣ 711 нафар) кормандони мақомоти омор сафари хизматӣ доштанд, ки аз ин нишондиҳанда 549 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 76 нафар ва дохилӣ 473 нафар) кормандони Дастгоҳи марказӣ ва 272 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 34 нафар ва дохилӣ 238 нафар) кормандони Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» мебошанд.

Натиҷаи сафарҳои хизматӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои методологии Агентӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар соли 2017 мақомоти маҳаллии омор, тибқи талаботи моддаи 515 кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 1223 нафар шахсони масъули ҳисоботсупорандагони оморӣ ба маблағи 426,7 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин намудаанд, ки аз ин маблағ ба буҷаи

давлат 389,2 ҳазор сомонӣ ворид шудааст, ки 91,2 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад.

Дар соли 2017 дар Дастгоҳи марказии Агентӣ, Сарраёсатҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва шаҳри Душанбе озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуданд.

Дар дастгоҳи марказии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 маротиба озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ барои ишғоли 39 ҷойи холӣ баргузор гардид. Дар озмунҳо 81 нафар иштирок намуданд. Дар натиҷаи озмунҳои баргузоргардида 29 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, аз ҷумла 4 нафар ба мансабҳои роҳбарикунанда, аз ин ҷумла як нафараш зан ва 25 нафар ба масабҳои маъмурии хизмати давлатӣ таъин карда шудаанд.

Инчунин дар дастгоҳи марказии Агентӣ як маротиба аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо иштироки 28 нафар хизматчиёни давлатӣ, аз онҳо 6 нафарашон аттестатсияи такрорӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи хулосаи комиссияи аттестатсионӣ 2 нафар бо сабаби нагузаштан аз аттестатсияи такрорӣ аз мансабҳои ишғолнамудаашон озод карда шуда, 2 нафари дигар ба аттестатсияи такрорӣ мононда шуданд.

Дар соли 2017-ум 3 нафар баъд аз хатми магистратура 2 нафар Магистратураи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 1 нафар зан ва 1 нафар магистратураи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистонро аз рӯи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” хатм намуда, ба ҷойи кори аввалаашон баргаштанд ва дар асоси озмун ба мансабҳои баландтар таъин карда шуданд.

Дар давраи сипаришуда кор бо махзани маълумот дар шакли электронӣ идома дорад, ки ба он мунтазам маълумотҳои иловагӣ ворид карда мешаванд. Ин Барномаи электронӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваст буда, дар оянда дар назар дошта шудааст, ки ҳамаи маълумот ва ҳисоботи кадрӣ бо ин барнома анҷом дода мешаванд.

Дар дастгоҳи марказии Агентӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ ҳамагӣ 486 нафар хизматчиёни давлатӣ, аз онҳо 188 нафарашон занон (38,6 фоиз) фаъолият доранд, аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 447 нафар ё 91,9 фоиз дорои таҳсилоти олӣ аз

ин шумора 415 нафар (92,8 фоиз)-и онҳо бо ихтисоси молиявию иқтисодӣ ва муҳандисию техникӣ мебошанд.

Боиси хурсандӣ ва дастгирии ҳамаҷониба аст, ки кормандони Агентӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва дараҷаи таҳсилот мунтазам кӯшиш менамоянд ва шумораи таҳсилоти олидошта сол аз сол меафзояд ва айни замон 13 нафар хизматчиёни давлатӣ дорои 2 таҳсилоти олӣ, аз ҷумла 5 нафар хатмкардагони магистратура мебошанд.

Кормандони Агентӣ, хусусан ҷавонон мунтазам барои таҷрибаомӯзӣ ва табодули таҷриба дар ҷаласа ва семинарҳои омӯзишии соҳаи омор дар ИДМ ва дигар давлатҳои пешрафтаи дунё аз ҷумла шаҳри Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон, шаҳри Кишинёви Ҷумҳурии Молдова, шаҳри Москваи Федератсияи Россия, шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон, шаҳрҳои Истамбул ва Анқараи Туркия, шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария, шаҳри Стокголми Шоҳигарии Шветсия, шаҳри Тифлиси Ҷумҳурии Гурҷистон, шаҳри Бангкоки Шоҳигарии Тайланд, шаҳри Будапеши Ҷумҳурии Маҷористон, шаҳри Афинаи Ҷумҳурии Юнон, шаҳри Манамаи Шоҳигарии Баҳрайн, шаҳри Манилаи Ҷумҳурии Филиппин, шаҳри Вилнюси Ҷумҳурии Литва ва шаҳри Чибаи Япония иштирок намуданд.

Ба ғайр аз ин, тибқи супоришҳои Протоколии маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳо анҷом дода шуданд. Ҳар ҳафта рӯзҳои шанбе дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ бо мақсади дар сатҳи баланд таҷлил намудани идҳои миллӣ ҳашару шанбегиҳо гузаронида шуда, корҳои ободонӣ, аз ҷумлаи кабудизоркунӣ таъмирҳои ҷорӣ, шинондани ниҳолҳо ва гулҳои мавсимӣ, тоза намудани бино ва кӯчаҳои гирду атрофи идораҳои омор аз партовҳо, таъмири ҳавзҳои назди идора, таъмири қубурҳои обгузар ва ба монанди ин иҷрои корҳо анҷом дода шуданд.

Илова ба ин, ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низоми хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон“ назорати қатъӣ бурда мешавад.

Лозим ба қайд аст, ки дар соли 2017 бахшида ба санаҳои таърихии ҷашнҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла: Иди Наврӯз, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи забони давлатӣ, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Парчами миллӣ ва дигар санаҳои таърихӣ дар Агентии омор бо иштироки шахсони барҷаста ва маъруфи соҳаҳои мухталифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомадҳо ва суҳбатҳои озоду кушод баргузор карда шуд.

Инчунин вобаста ба эълон гардидани соли 2017 “Соли Ҷавонон” аз ҷониби Агентии омор нақшаи чорабиниҳо таҳия гардид. Бо мақсади тарғибу ташфиқи тарзи ҳаёти солим, одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумии башарӣ, дар руҳияи ватандустиву хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон дар назди Агентӣ толори варзишӣ аз таъмир баровардашуда, дар онҷо мунтазам бозиҳои варзишӣ аз қабили бозиҳои футболи хурд, волейбол, тенниси рӯи миз, шашка ва шоҳмот марҳила ба марҳила гузаронида мешаванд. Илова ба ин кормандони мақомоти омор дар мусобиқаҳои байни идораю вазоратҳо иштирок карда, ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд.

Агентии омор ҷиҳати идома додан ва корҳои лоиҳакашии сохтани иншоотҳои мақомоти маҳаллии омор, барои Сарраёсати Агентии омор дар шаҳри Қурғонтеппаи вилояти Хатлон ва Раёсати Агентии омор дар шаҳри Турсунзода дар доираи маблағҳои мутамарказ дар соли 2017 пешбинигардида, иҷрои як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Аз ҷумла барои идомаи сохтмони бинои Сарраёсати Агентии омор дар шаҳри Қурғонтеппаи вилояти Хатлон дар соли 2017-ум 200,00 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид ва барои лоиҳакашӣ ва сохтмони Раёсати Агентии омори шаҳри Турсунзода бошад, дар соли 2017-ум 350,00 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид, ки маблағҳои ҷудогардида пурра мавриди иҷроиш қарор дода шуданд.

Агентии омор «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018» - ро таҳия намуда, бо вазорату идораҳои дахлдор мавриди мувофиқа қарор дод ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (29 ноябри соли 2017, №548) қабул карда шуд.

Дар Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018 иҷрои беш аз 10-ҳазор корҳои оморӣ пешбинӣ гардидааст, ки дар ин росто 334 - шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ аз ҷумла 71 - ҳисоботи моҳона, 57 ҳисоботи семоҳа, 39 ҳисоботи нимсола, 167 ҳисоботи солона ва 13 таҳқиқотҳои интихобии оморӣ вобаста ба давриятҳо ҷамъоварӣ ва коркард карда мешаванд.

Илова ба ин, дар Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018 -ум таҳия ва нашр намудани 68 - номгӯи маҷмӯаву буллетенҳо ва иттилоотӣ солонаи омории соҳавӣ пешбинӣ гардидааст. Инчунин дар алоҳидагӣ вобаста ба соҳаҳо таҳрия ва нашр намудани буллетенҳои ҳармоҳа низ муайян карда шудааст.

Инчунин дар Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2018 -ум 7 - шаклҳои нави ҳисоботҳои омории соҳавӣ илова гардиданд аз ҷумла: ҳисоботи омории байниидоравии "Дар бораи касбомӯзӣ дар марказҳои касбомӯзии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ҳисоботи оморӣ «Дар бораи хизматрасонии иҷтимоӣ ба собиқадорони ҷангу меҳнат, пиронсолон ва маъюбон», ҳисобот «Дар бораи Диаспораҳо (Ҷамъиятҳо)-и тоҷикон дар дигар давлатҳо», ҳисобот «Дар бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва ҳисобот «Дар бораи захираи маҳсулоти кишоварзӣ ва маводи тайёри озуқа» аз ҷумлаи ҳисоботҳои иловагардида мебошанд.

Ҳамзамон бо мақсади аз байн бурдани ҷараёни ҷамъоварии такрории маълумотҳо ба ҳисоботи омории моҳона ва солонаи соҳаи савдо тағйиру иловаҳо ворид гардида, 4 шаклҳои ҳисоботи оморӣ ихтисор карда шуданд (2- ҳисоботи моҳона, 1 - ҳисоботи семоҳа ва 1 ҳисоботи солона).

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз корҳои иҷрошуда, дар фаъолияти мақомоти омор, ҳанӯз ҳам камбудиву мушкилиҳо ҷой доранд.

Аз рӯи натиҷаи таҳлили фаъолияти кории мақомоти омор дар сатҳи минтақаҳо бори дигар маълум мегардад, ки барои таъмини сифати маълумоти оморӣ, аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳисоботи аввалия, ки аз сатҳи ҷамоати шаҳраку деҳот бармеояд, зоҳир карда шавад. (дар сатҳи ҷамоатҳо аз 430 ҷамоатҳои шаҳраку деҳот корҳои омориро ба зимма доранд 145 - иқтисодчиёни омор, 249 - сармуҳосиб (муҳосиб)-и ҷамоатҳо, 27 - мутахассисони ҷамоатҳо, 5- кормандони шартномавии ҷамоатҳо ва 4- котиби ҷамоатҳо).

Вобаста ба ҳалли ин масъала ҷорӣ намудани дафтари электронии баҳисобгирии хоҷагиҳои аҳолии ҷамоатҳо зарур мебошад, ки соли ҷорӣ дар ноҳияҳои санҷишӣ (Зафаробод ва Норак) амалӣ шуда истодааст. Такмили баҳисобгирии хоҷагиҳои аҳолӣ ҳисоби ММД-ро боз ҳам аниқтар менамояд.

Бояд зикр намуд, ки ҳиссаи бахши хусусӣ дар Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ ба беш аз 69,5 фоиз расидааст ва ин нишондиҳанда сол аз сол ру ба афзоиш ниҳода истодааст. Бо

мақсади таъмини сифати иттилооти оморӣ дар бораи фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ зарур аст, ки дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ баҳисобгирии аввалияи муҳосибӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва истифодаи дастгоҳҳои хазинавӣ пурра ҷорӣ карда шавад. Нишондоди дастгоҳҳои хазинавӣ ба махзани иттилооти мақомоти андоз ворид шуда, баъдан ба мақомоти омор ирсол карда мешаванд, ки аз руи натиҷаи он ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ, кишоварзӣ инчунин гардиши савдо ва ҳаҷми хизматрасонии соҳибкорон дақиқ арзёбӣ мешавад ва зарурати гузаронидани таҳқиқоти омории иловагиро аз байн мебарад.

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Қарору Фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар соли 2017 корҳои банақшагирифташуда, саривақт иҷро карда шуданд.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста иҷрои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017, мақомоти омор вазифадор шудааст, ки шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумоти омориро мукаммал гардонад.

Маврид ба зикр аст, ки соли 2018-ум соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ эълон карда шуд. Бо ин мақсад мақомоти омори маҳаллӣ вазифадор мегардад, ки фарогирии ҳисоботҳои омории шакли 2 сайёҳат «Ҳисобот дар бораи фаъолияти ташкилоту ширкатҳои сайёҳӣ» ва шакли 1- меҳмонхона «Ҳисобот дар бораи фаъолияти меҳмонхонаҳо» пурзур намоянд.

**Бо мақсади иҷрои Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2018, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили санҷишӣ дар соли 2018” ва “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омор, Муассисаи давлатии “Маркази кулли ҳисоббарорӣ”-и Агентӣ ва мақомоти маҳаллии омор вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи салоҳият ва ваколатҳои ба мақомоти омор гузошташуда масъалаҳои дар боло зикргардидаро мавриди амал қарор дода аз натиҷааш ҳар семоҳа ба Агентии омор ахбороти хаттӣ манзур намоянд.**

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар соли 2018 дар назди мақомоти омор иҷрои чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. Иҷрои ҳатмии барномаи корҳои оморӣ дар соли 2018;
2. Таъмини иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 ироа гардида;
3. Вусъат додани корҳои омодагии барӯйхатгирии санҷишии аҳолӣ ва фонди манзил, истифодаи захираҳои меҳнатии ҷалбшаванда дар ин самт, тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба барӯйхатгирии аҳолӣ, ҷалби шарикони рушд барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолии санҷишӣ;
4. Иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ”;
5. Иҷрои бандҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”;
6. Иҷрои бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт;
7. Иҷрои ҳатмии чорабиниҳои Лоиҳаи “Стратегияи миллии рушди омор” барои соли 2018;
8. Дар сатҳи зарурӣ ҷамъбаст намудани натиҷаҳои таҳқиқотҳои интихобии “Тиббӣ-демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон”; “Тавозуни сузишворию-энергетикӣ”; “Ҳуқуқ ва имконияти занон дар соҳаи кишоварзӣ”;
9. Ҷамъбасти ниҳоии натиҷаҳои таҳқиқоти “Талаботи истифодабарандагони маълумоти оморӣ”;
10. Вусъат додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (таҳияи хазинаи маълумотҳо ва метамаълумотҳо, таҳияи лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор барои солҳои 2018-2022, зина ба зина, дар навбати аввал барои таҳқиқоти қувваи корӣ- 2016 ҷорӣ намудани модели умумии бизнес-равандҳои оморӣ тафсири 5,0;
11. Якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ;

12. Гузаронидани санҷиши эътимоднокии маълумоти оморӣ аз рӯи таъмини ҳуҷатгузориҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо мутобиқи нақшаи тасдиқшудаи мақомоти омори маҳаллӣ;
13. Вусъат бахшидани корҳо дар самти зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ ва гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ;
14. Иҷрои чорабиниҳои Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва Нақша - чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021;
15. Беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ ва мукамалсозии механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ;
16. Мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ, такмили дастурамалҳои вазифавӣ;
17. Таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.